# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо

Парвандаи аттестатсионии № 12
Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 04.07.2023, № 9

Барои сазовор донистани Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо.

Диссертатсияи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо ба ҳимоя 11 апрели соли 2023 (протоколи №4.1.) қабул карда шуд. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА - 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ, 44) дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2022, тахти №268/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович ходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон буда, 16 июни соли 1982 дар ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, оиладор, соҳиби 4 фарзанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович соли 1998 ба факултаи иқтисодии Донишкадаи андоз ва

ҳуқуқи Тоҷикистон дохил шуда, соли 2003 онро аз рӯи ихтисоси иқтисодчӣ – бозрасии андоз хатм намудааст. Вай аз соли 2004 то соли 2016 чун соҳибкори инфиродӣ кор ва фаъолият намудааст ва аз соли 2017 дар Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳайси ходими хурди илмии бахши иқтисодиёти минтақаҳои шуъбаи таҳқиқотҳои минтақавӣ ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда ва аз моҳи январи соли 2021 то имрӯз, ба ҳайси ходими илмии шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институт кору фаъолият дорад.

Дар давраи солҳои 2017- 2021 ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибонаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳсил намудааст.

Диссертатсия қаблан дар шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демогарфияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст.

Роҳбари илмӣ:

**Алимов Анвар Латифович** ходими пешбари илмии шуъбаи тадқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

**Ризоқулов Туракул Рабимқулович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ноиби ректори Донишгоҳи ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Сафоев Абдумаҷид Каримович** - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи назарияи иктисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, дар тақризи худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ дотсент, Неъматов Илҳомидин Усмонович ва котиби ҷаласа Орипова М. имзо гардида, дар ҷаласаи кафедраи менеҷменти ДДМИТ суратмаҷлиси кафедра №10, аз 26 майи соли 2023 баррасӣ ва аз тарафи ректори Донишгоҳи

давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим санаи 26 майи соли 2023 тасдиқ шудааст.

Дар хулосаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз имзо шудааст, қайд гардидааст, ки кори диссертатсионии Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) мутобиқ ва ҷавобгӯ мебошад. Аз рӯйи мазмуни илмӣ ва шакли таҳияи диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳалли масъалаҳои муҳим ва бартариятдоштаи илмҳои иқтисодӣ, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад, гирд оварда шудаанд. Ҳамаи ин далелҳо бе ягон шаку шубҳа аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки кори илмии мазкур сазовори баҳои баланд буда, муаллифи он арзандаи дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф таркиби асосии кори диссертатсиониро фаро гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот як монография, 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмие, ки ба номгӯи нашриҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба нашр расидаанд.

**а) Мақолаҳое, ки дар нашриҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М] Сафаров А.М. Таҳлили таъсири пандемияи COVID-19 ба иқтисодиёт ва эҳтиёҷоти меҳнати кишвар [Матн] / А.Л.Алимов, А.М.

Сафаров // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. №3 – 2020 - С. 58-64. ISSN 2310-3957.

[2-М] Сафаров А.М. Принсипҳои ташкил ва амалияи фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Л. Алимов, А.М. Сафаров // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. №1-2020. - С. 171-177. ISSN 2310-3957.

[3-М] Сафаров А.М. Омилҳои ташкилию иқтисодии рушди минтақаи ҷануби сарҳадии Тоҷикистон [Матн] / А.М. Сафаров // Иқтисодиёти Тоҷикистон. Душанбе, 2021. №3. - С. 238-242. ISSN 2310-3957.

[4-М] Сафаров А.М. Масъалаҳои таҳияи барномаҳои минтақаҳои кишвар ва таҷрибаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.М. Сафаров // Иқтисодиёти Тоҷикистон. Душанбе, 2021. № 4. - С. 199-203. ISSN 2310-3957.

**б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

[5-М] Сафаров А.М. Оид ба ташкил ва таҷрибаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Л. Алимов, А.М. Сафаров // Маводи конференсияи илмию амалӣ дар мавзӯи “30-соли Истиқлолият ва рушд” ДДСТДТ. -Душанбе, 2021. - С. 23-30.

[6-М] Сафаров А.М. Натиҷаҳои тадқиқоти омилҳои иҷтимоию иқтисодии тараққиёти районҳои ҷанубии сарҳади Тоҷикистон [Матн] / А.М. Сафаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Дастовардҳои соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар давраи Истиқлолияти давлатӣ”. Душанбе, 2021. - С. 336-343.

[7-М] Сафаров А.М. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун шакли инноватсионии ҳалли масъалаҳои минтақавии рушди иҷтимоию иқтисодӣ (аз рӯи натиҷаҳои тадқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ) [Матн]: монография / Р.М. Бабаджанов, Р.М. Аминҷонов, А.Л. Алимов, А.М. Сафаров. - Душанбе: ГУП “Матбаа”, Соли-2021. - 135 с.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд:

Шарипова Ш.А. - н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории МДТ “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:

1. Дар автореферат қайд карда шудааст, ки дар диссертатсия ба барномахои миёнамӯҳлати рушд, аз ҷумла, ба барномаҳои миёнамӯҳлати рушди минтақаҳо такя карда шудааст. Вобаста ба ин, агар гурӯҳбандии чунин барномаҳо, аз ҷумла ва бахусус, SWOT-тахлили он анҷом дода мешуд, кор мантиқан пурратар мегардид.

2. Дар кисмати «Сатҳи таҳлили илмии мавзӯи диссертатсия» ҳангоми овардани руйхати олимони хориҷӣ ба таври мушаххас нишон додани самти тадқиқоти онҳо метавонист ин қисмати корро боз ҳам мустаҳкамтар гардонад.

Иброҳимзода И.Р. - д.и.и., профессор, декани факултети молиявию иқтисодӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

1. Масъалаҳои чи гуна афзалиятҳо ба гайр аз ташаккули МОИ дар панҷсолаи оянда барои минтақаҳои осебпазир зарур аст, камтар мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар тадқиқотҳои оянда хуб мешуд, ба инобат гирифта шавад.

2. Хуб мешуд, дар оянда масъалаҳои рушди минтақаҳои осебпазир дар тамоми манотиқи кишвар ба инобат гирифта шавад.

Содиқзода З.С. – н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуадуллоҳи Рӯдакӣ.

1. Дар қисмати «Сатҳи таҳлили илмии мавзӯи диссертатсия» ҳангоми овардани рӯйхати олимони хориҷӣ ба таври мушаххас нишон додани самти тадқиқоти онҳо метавонист, ин қисмати корро боз ҳам мустаҳкамтар гардонад.

2. Муаллиф дар навгонии илмӣ (саҳ. 7) аз усулҳо ва василаҳои идоракунии система дар шароити осебпазирӣ ишора кардааст, мебоист онро амиқтар маънидод мекард.

Наҷмиддинзода А.Ю. - н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

1. Дар кори илмие, ки бо забони давлатӣ иншо гардидааст, зарурати зикр намудани тарҷумаи ибораҳои алоҳида ва амиқии онҳо (ба монанди «осебпазири (депрессивӣ)», "минтакаи осебпазир (аз лотинии – depression - афсурда) », «осебпазирӣ (депрессивӣ)», «бӯҳронӣ (депрессивӣ)», «динамизм (пуёӣ)», «зинанизомӣ (иерархия)», «осебпазир (депрессивӣ)» дар саҳифаҳои 11, 13, 15 номаълум мебошанд;

2. Тавре автореферат шаҳодат медиҳад, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодоту тавсияҳои амалии диссертатсияи мазкур асоснокшуда мебошанд, вале пешниҳодот ва тавсияҳои амалии кори мазкур ба ягон мақомоти марказӣ ё маҳаллии иҷрокунандаи ҳокимияти давлатӣ барои истифодабарӣ ирсол нагардидаанд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисми асосии онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссия ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ бо назардошти мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои марбут ба тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир дар минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин, бо розигии шахсии онҳо барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти илми дахлдор

ҳамчун муассисаи шинохташуда ба ҳисоб рафта, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар натиҷаи ҷамъбасти андешаҳои олимон, ҷанбаҳои гуногуни проблемаи мураккаби илмии рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазир, ки дар фазои муосири ҷаҳонии хоҷагидорӣ мавҷуданд, дар корҳои бисёре аз муҳаққиқон инъикос ёфтаанд:

- ҷанбаҳои консептуалии рушди низомҳои иқтисодии ҳудудии навъҳои гуногун дар асарҳои Ҷ. Арриги, А. Гранберг, У. Изард, В. Зомбарт, П. Кругман, В. Лексин, Л. Мизес, А. Швецов ва дигарон;

- масъалаҳои институтсионалию иқтисодӣ ва навъбандии рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии мнтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асарҳои Саидмуродзода Л.Ҳ,, Ш.Раҳимзода, Ризоқулов Т.Р., Мирсаидов А.Б., Рауфӣ А., Мирбобоев Р.М., Муминова Ф.М., Бабаджанов Р.М., Алимов А.Л., Ҷалилзода Д.Р., Юнусзода Х. ва дигарон инъикос ёфтаанд;

- дар натиҷаи таҳқиқот муқаррароти назариявӣ ва амалии зерин оид ба тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир дар минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои асосии назариявии таҳқиқотро метавон барои таҳияи назарияи иқтисоди минтақавӣ, назарияи идораи ҳудудӣ, назарияи идоракунии стратегӣ ва назарияи навсозӣ истифода бурд. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқотро барои такмили мазмун, сохтор ва методикаи таълими фанҳои таҳсилоти олӣ - «Иқтисоди минтақаҳо», «Идораи стратегӣ», «Идоракунии ҳудудҳо», инчунин, курси махсус барои ҷоннок намудани рушди низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадстовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин** зоҳир мегардад, ки хулоса ва тавсияҳои асосие, ки дар кор оварда шудаанд, метавонанд ҳангоми таҳияи стратегия ва воситаҳои рушди

маҳаллисозии инфрасохтори минтақавӣ, ташаккул ва татбиқи барномаҳои ҳудудии сармоягузорӣ ва лоиҳаҳои махсуси минтақавӣ, ки ба эҳтиёҷоти инфрасохтор нигаронида шудаанд, инчунин, бо мақсади мукаммалгардонии мӯҳтаво ва сохтори сиёсати иқтисодии минтақавӣ истифода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ нишон додаст, ки:**

- маълумотҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда дақиқ буда, ҳаҷми маводи тадқиқотӣ кифоя мебошад ва аз ҷониби муаллиф коркарди омории маълумотҳои расмию ғайрирасмӣ мақсаднок сурат гирифтааст;
- натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои бонуфуз интишор ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ, тасдиқ менамоянд.
- дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд ва хулосаву пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

Ҳамаи давраҳои иҷрои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ сурат гирифтааст. Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти гузаронидаи диссертатсионӣ дар муайян намудани мақсад, мавзӯъ ва объекти тадқиқот, асоснок намудани номгӯи вазифаҳои тадқиқот ва ҳаллу фасли онҳо, дар бурда расонидани муқаррароти назариявӣ ва методии тадқиқот то ба марҳилле, ки истифодабарии онҳо ҷиҳати мукаммалгардонии ҷанбаҳои асосии идоракунии низомҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

- мӯҳтавои асосии диссертатсия дар семинарҳои илмӣ-назариявӣ ва ҷаласаҳои Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мунтазам мавриди муҳокима қарор ёфтаанд.

- муқаррароти асосии диссертатсия дар як монография, 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст;

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 017 аз 04-июли соли 2023 қарори сазовор донистани Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 9 нафар иштирок доштанд, аз он ҷумла, 4 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 9 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба Шӯро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 9 нафар, муқобил – нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси
Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ Ҷонмамадов Ш.Б.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ Бобоев К.О.

«04» июли соли 2023